ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Рахматзода Шахобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412 –Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешниҳод гардидааст

Аҳаммияти мавзуъ дар пешбурди илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ бешубҳа аст. Парвариши боғҳои интенсивӣ ва истифодаи мошинҳои хамакора барои нигоҳубини хок, бисёр муҳим аст. Инчунин масъалаи сарфаи энергия ҳангоми иҷрои равандҳои технологӣ ва хизматрасонии техникӣ то имрӯз хеле муҳим мемонад.

Муалиф дар асоси таҳлили талаботҳои агротехнологӣ ва қонуниятҳои фаъолияти мутақобили олотҳои кории фаъол бо хок амсилаҳои математикӣ тарҳрезӣ намудаст, ки ҳаракати кордҳо, қувваи муқовимат, бузургиҳои резамайдашавии хок ва энергоғунҷоиши ҷараёнро тавсиф менамоянд. Вобастагиҳои аналитикиро барои ҳисоб кардани зуддии даврзанӣ, таносуби интиқоли ҳаракат, мушаххасотҳои кинематикӣ (λ_1 ва λ_2), инчунин сатҳ ва чуқурии қитъаи коркардшуда ҳисоб карда шуданд, ки назорати иҷрои босифати ҷараёни технологии коркарди хокро таъмин менамояд. Ҳисобҳои назариявии оварда шуда, имконияти бо хароҷотҳои камтарини энергетикӣ дар сатҳи баланд резамайдашавии хокро тасдиқ намуданд, ки ин асос барои сохтани конструксия ва намунаи таҷрибавии мошинолоти пешниҳодшуда гардида аст. Мақсад, вазифаҳо, навгонӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешнҳод шаванда ва натиҷаҳои бадастовардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок ёфтааст.

Ба сифати камбудиҳо ҳолатҳои зеринро қайд кардан ба маврид аст:

1. Аз матни реферат муайян карда нашуд, ки ҳангоми муносибкунонии мушахасотҳои истифодабарӣ, муаллиф кадом усулро истифода намудааст.
2. Дар автореферат хосиятҳои техникию истифодабарии агрегати ЮТО-Х904+КМИС-1,8 оварда нашудааст.

Камбудиҳои болозикр сатҳу сифати илмии диссертатсияро паст намекунад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвончӯ васеъ ва арзишманд аст. Кор навоварии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва имкониятҳои ояндаро нишон дода он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА ҶТ) нисбат ба рисолаҳо ва соҳаи мушаххаси таҳқиқот ҷавобгӯ буда, аз тасдиқи кофӣ гузашта, аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок аст. Дар натиҷа, муаллиф, Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло, сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D072412 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои техникӣ, профессор,
муовини ректор оид ба илм ва
робитаҳои байналмилалии ДИҶД Шоҳиён Алмосшо Набот
18.07.2026

Суроғаи муассиса: индекс 734055
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Борбад 48/5
Тел: (992) 918260869
E-mail: shoev_a@mail.ru
Имзои Шоҳиён Алмосшо Наботро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи иқтисодиёт,
ҷаҳон ва дипломатияи ДБССТ Қурбонализода М.Қ.